**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 154/2c

аз «14» 10 соли 2024

Агентии стандартизатсия,
метрология, сертификатсия ва
нозироти савдои назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд» аз 18 июни соли 2012, №310 ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Агентӣ пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар бандҳои 5, 7 ва 8 замимаи лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, ҷиҳати кам намудани монеаҳои техникӣ дар савдо ва кам гардидани номгӯи молу маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда мусоидат менамояд.

Муовини якуми
Директор — Соҳибзода М.М.